# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ). – Душанбе, 2024. – 189 с.**

Таҳқиқу баррасӣ дар мавриди масъалаҳои муҳимми адабиёти муосири ҳиндӣ дар кишвари мо собиқаи чандон зиёд надошта бошад ҳам, дар ин замина таҳқиқоти арзишманде анҷом дода шудааст. Пажуҳишҳо дар ин самт маҳз пас аз соҳибистиқлол гаштани кишвари мо ва беҳтар гардидани равобит бо Ҳиндустон ривоҷи бештар пайдо карда, дар ин замина аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ асарҳои таҳқиқии ҷолиб ва арзишманд навишта шудаанд. Нахустин маълумот ва огоҳиҳоро дар бораи Премчанд –адиби маъруфи ҳиндӣ аз навиштаҳои доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳабибулло Раҷабов метавон дарёфт. Ҳ. Раҷабов чанд мақола оид ба Премчанд навишта, дар матбуоти даврӣ ба табъ расонидааст ва ниҳоят, соли 1995 монографияеро бо номи «Премчанд» чоп намудааст.

Чунин таҳқиқот дар ватани адиб ва кишварҳои дигар ҳам анҷом дода шудаанд, вале ҳанӯз ҷанбаҳои бадеӣ ва самтҳои дигари ноомӯхта ва ба таҳқиқнарасида дар мавриди осори гаронбаҳои ин адиби ҷаҳонӣ мавҷуданд, ки интизори таҳқиқу баррасии амиқ мебошанд. **Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба таҳлили образи зан дар эҷодиёти Премчанд ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули романи ҳиндӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Муаллифи диссертатсия барҳақ қайд намуааст: «Ба воситаи таҳлили ин образҳо дидан мумкин аст, ки чи тавр зани ҳинду аз зани сарфаровардаи хомӯшона ба тақдираш тан дода ва дар ҷавонӣ бо дили пур аз ҳасрат ин оламро падруд гуфта (романи «Нирмала») ба зани боҷуръату мубориз ва қавиирода (романи «Камомад») табдил меёбад. Мазмун ва масъалаҳои дар ҳарду роман тасвиршуда баробари муҳимтарин масъалаҳои

ҳамон замон, яъне замони Премчанд, боз ифодакунандаи дараҷаи олии инсондӯстии адиб мебошанд» (диссертатсия, с. 5).

Таълиф ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна кори муҳим ва саривақтӣ буда, мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03** – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи довталаб** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст образи зан дар эҷодиёти Премчанд дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад» таҳқиқ шудааст. Муаллиф ишора кардааст, ки мақолаҳои илмии дар бораи Премчанд ва осори ӯ интишорёфтаро наметавон баррасии комили осори адиб донист. Аз ҷониби дигар, ҳадафи асосии диссертант баррасии тамоми эҷодиёти Премчанд набуда, дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад» таҳқиқи вижагиҳои тасвири симо ва сарнавишти занон дар романҳои номбурда мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда аз осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба андозаи зарурӣ истифода гардида, манобеи мисолҳои овардашуда мушаххасу дақиқанд. Ҳаҷми диссертатсия, иштишорот доир ба мавзуи диссертатсия ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқ мутобиқи меъёру талабот таҳия ва пешниҳод гардидаанд. Ҳамаи масъалаҳои баррасишуда **эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро** собит мекунанд.

Дар диссертатсияи Ёрова Сабоҳат **хулоса ва тавсияҳои мушаххас** манзур гардида, натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажуҳиши ӯ мебошанд. Илова бар ин, дар диссертатсия дурнамои мавзуи таҳқиқӣ низ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии довталаб дар он зоҳир мешавад**, ки маводи дар диссертатсия манзуршуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави халқҳои гуногун ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, магистрантон ва донишҷӯён ёрӣ расонида метавонад. Ҳамчунин, ба ин кори таҳқиқӣ ҳангоми таълифу таҳияи китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ, курси лексияҳо роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ ва таълиму тадриси адабиёти ҳиндӣ метавон такя кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **15 мақолаи илмӣ** таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия фароҳам омадааст.

Дар **боби аввал**, ки **«Дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад, муаллиф кӯшидааст, ки пешинаи омӯзиши рӯзгору осори Премчандро дар Тоҷикистон, Русия ва Ҳиндустон пайгирӣ ва сатҳу дараҷаи осори илмии интишорёфтаро муайян намояд. Мулоҳизоти муаллифи рисола дар мавриди таҳқиқоти ҳиндшиносони рус – В.И. Балин, тоҷик – Ҳ. Раҷабов ва ҳиндӣ – Индранатҳ Мадан, Ҳансраҷ Раҳбар, Қамар Раис, Рамвилас Шарма, хусусан Камал Кишор Гоянка, ки ҳудудан панҷоҳ соли умри хешро сарфи омӯзишу пажуҳиши осори Премчанд карда, оид ба эҷодиёти адиб сӣ асар навиштааст, ҳамчунин навиштаҳои пайвандони адиб, ҳамсари ӯ Шиваранӣ Девӣ («Премчанд дар хона») ва писари нависанда Амритрай («Премчанд – сипоҳии қалам» аз камоли таваҷҷуҳи муаллифи диссертатсия ба таърихчаи таҳқиқи мавзуи мазкур гувоҳӣ медиҳанд.

Тавре зикр шуд, роҷеъ ба Премчанд ва эҷодиёти ӯ ҳамсараш Шиваранӣ Девӣ ва писараш Амритрай, ки худ насрнависи маъруф мебошад, китобҳои арзишманд навиштаанд. Бо вуҷуди ин, дер боз берун аз Ҳиндустон, аз ҷумла дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва Тоҷикистон асарҳои ин ашхоси наздики Премчанд дастрас набуданд. Барои ҳамин, баъзе маълумоти зарурииро оид ба Премчанд дар таҳқиқоти бисёр премчандшиносон ёфтан мумкин набуд. Диссертант ин асарҳоро дастрас намуда, дар мавриди зарурат аз онҳо истифода бурда, чанд далели тозае оид ба шахсияти Премчанд пайдо намудааст, ки арзиши илмии кори унвонҷӯйро бештар намудааст.

Муаллиф дар **боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони **«Премчанд – асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ»** ба осори адиб аз нигоҳи нави илмӣ назар андохта, ҷанбаҳои омӯхтанашуда ва таҳқиқнашудаи онро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дар ҳамин замина зиндагиномаи

илмии ӯро мухтасар оварда, таърихи эҷоди баъзе аз романҳои чаҳордаҳгона ва ҳикояҳои машҳури ӯро тавзеҳ додааст.

**Фасли дуюми боби мазкур**, ки **«Премчанд – нависандаи инсондӯст»** унвон гирифтааст. Садоқати олии адиби башардӯст ба ғояҳои инсонии ҷомеа, ки ҳамеша мавриди нақзу зулму таъаддии аҳли зӯру зар қарор доштааст, хусусан, занон, ки дар ҷомеаи он рӯзгор бештари ин авомил ба дӯши онҳо афтода, нависанда дар асарҳояш онҳоро фош ва ошкор сохтааст, мавзуъҳои баҳси муҳаққиқ гаштаанд.

**«Образи Нирмала дар романи «Нирмала»** – яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқшаванда буда, дар **боби сеюми диссертатсия** ва ҷаҳор фасли он таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар **фасли аввали** ин боб – **«Анъанаи романнависӣ дар замони Премчанд»** огоҳии мухтасар аз романнависии ҳиндӣ дар даврони Премчанд ироа гардида, таърихи ба вуҷуд омадани нахустин осори мансури ҳаҷман калон, ки маншаи аврупоӣ дорад, баррасӣ шудааст.

Бо ворид шудани Премчанд (1880-1936) ба адабиёт, мазмун ва мундариҷаи романҳои ҳиндӣ тағйироти ҷиддӣ пазируфта, баръакси саргузашти пурмоҷарои қаҳрамонон, ки хонандаву хоҳандаи зиёд доштанд, бештар ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти қаҳрамонон мавриди тасвири адиб қарор гирифта, адабиёт ба зиндагии мардум наздик мегардад.

Романҳои «Нирмала» (1923) ва «Камомад» (1930), ки таҳқиқ бар мабнои ин ду роман сурат гирифтааст, дар давраи пуравҷи эҷодиёти адиб навишта шудаанд ва таъсиру нуфузи онҳо ба романнависони баъдӣ хеле назаррас будааст. Ду насли адибони ҳиндии то замони Истиқлол ва баъд аз Истиқлол таҳти таъсиру нуфузи ин адиби пешқадам, яъне Премчанд қарор доштаанд, ки дар диссертатсия дар ин бора батафсил сухан рафтааст.

**Фасли баъдӣ** ба ҳунари образофарии нависанда ихтисос дода шудааст, ки бино бар ақидаи муаллифи рисола дар асарҳои нависанда симои қаҳрамонон воқеӣ ва ҳаётӣ тасвир шуда, барои адабиёти он замони Ҳиндустон нав ва ҳодисаи нодири адабӣ ба ҳисоб мерафт. Пас аз Шӯриши Сипоҳиён дар солҳои 1857-1859 дар ҳаёти сиёсиву фарҳангии Ҳиндустон дигаргуниҳои зиёде ба амал омадаанд. То ин шӯриш диққати адибонро бештар қаҳрамонҳои асотирию афсонавӣ ҷалб карда буд. Дар ин шӯриш қаҳрамонҳои воқеӣ ба майдон омадаанд. Тақозои вақт ҳамин буд, ки маҳз

аҳволи вазнини мардуми Ҳинд, ки зери истисмор монда буданд, бояд дар адабиёт инъикос меёфт. Адибон қаҳрамониҳои иштироккунандагони ин шӯришро, ки барои озодӣ ҷони худро нисор кардаанд, тасвир менамуданд. Ин худ як падидаи нав дар таърихи адабиётҳои Ҳиндустон, аз ҷумла адабиёти ҳиндӣ буд. Аз нимаи дуюми асри XX дар адабиёти ҳиндӣ як гардиши тозае мушоҳида мешавад. Ба ғайр аз масоили сиёсӣ боз масъалаҳои иҷтимоӣ, тақдири зан, нобаробариҳои каставӣ ва мисли инҳо, ки ҳамааш чун тозабаёнӣ ба ҳисоб мерафт, ба худ роҳ мекушод. Дар Ҳиндустон ба ин масъала, қабл аз ҳама, адиби маъруфи Ҳиндустон Равиндранатҳ Тҳакур (1861-1941) рӯ оварда буд. Премчанд маҳз дар ҳамин гуна вақту вазъият ба саҳнаи адабиёти ҳиндӣ омада, диссертант зодаи замони нав будан ва мубоpизу асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ будани ӯро хеле хуб баррасӣ намудааст.

Дар фасли дигари боби сеюм – **«Нирмала» – беҳтарин роман дар баёни масоили зан»** муаллиф кӯшиш кардааст, ки мақому ҷойгоҳи ин асарро дар эҷодиёти адиб муайян намояд.

Симои асосии ин роман ҷавонзани оқилу доно ва ботадбиру тавоно буда, дар такомули маънавии ҷомеаи он замон саҳму саъйи зиёд дорад. Агарчи дар зиндагӣ ноком аст, вале чашму ақли дигаронро барои дучор нагардидан ба чунин тирарӯзиҳо боз намудааст. Дар фасли охири боби сеюм таҳлилу таҳқиқи ин образ, яъне Нирмала ба тафсил омадааст.

**Боби чоруми диссертатсия** ба таҳқиқи романи «Камомад» ва симои асосии он – Ҷалпа, зани боҷуръат, неруманд, муборизу ҷасур ва фаъолияти ӯ бахшида шудааст. Нависанда Ҷалпаро дар тақвияти образи пешин – Нирмала офаридааст. Дар ду фасли боби мазкур баррасии мавқеи романи «Камомад» дар эҷодиёти Премчанд, таҳлили образи асосии асар ва таъини ҳунари образофаринии нависанда таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба назари ин ҷониб, дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ислоҳу бартараф кардан ва ба назари эътибор гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия бахши «мубрамии мавзуи таҳқиқ» ҳаҷман зиёд (3 саҳифа) омада, маъмулан аҳаммияти мавзуи таҳқиқшавандаро метавон дар ним сафҳа ҳам баён кард.

2. Ба назари мо, дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Премчандро дар боби аввалу ду фасли он таҳқиқу накарда, ин масъаларо дар «дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» ва боби дуюми диссертатсия мухтасар баррасӣ намудан беҳтар буд. Илова бар ин, агар 44 саҳифаи боби аввалро ихтисор намуда, бо боби дуюм муштарак карда, ба таҳқиқи ҳарчи амиқтари таҳаввули образи зан ва вижагиҳои тасвири симои зан дар эҷодиёти Премчанд таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешуд, беҳтар буд.

3. Номи баъзе фаслҳои диссертатсия таҳриру тасҳеҳ мехоҳанд. Чунончи, фасли сеюми боби сеюм ««Нирмала» – беҳтарин роман дар баёни масоили зан» ном гирифта, истифодаи нодурусти калимаи «беҳтарин» аз нигоҳи аҳаммият дигар романҳоеро, ки ба масоили зан бахшида шудаанд, инкор мекунад.

4. Агар дар бобҳои сеюму чорум таҳлили симои занон дар романҳои мавриди таҳқиқ дар муқоиса дода мешуд, беҳтар буд ва ин равиши таҳқиқӣ аҳаммияти илмии рисола меафзуд.

5. Дар диссертатсия ному насаби муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян ба назар намерасад. Чунончи: Раҷабов Ҳабибулло (дисс. саҳ. 5, 7), Ҳ. Раҷабов (с. 5, 7), Раҷабов Ҳ. (с. 27-29). Ё ин ки дар бахшҳои дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва асосҳои назарии таҳқиқ номи муҳаққиқони тоҷику рус агар дар шакли ихтисора оварда шаванд, ному насаби пажуҳишгарони Ҳиндустон пурра зикр меёбанд.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои услубӣ, истифодаи нодурусти истилоҳот («Вақте романи “Камомад” бо кӯшиши тарҷумонҳои Шуравӣ З. Димшитс ва О. Ултисферов ба забони русӣ тарҷума мешавад, ба он ҳиндшинос В. И. Балин бо номи “Романи Премчанд “Камомад” <u>пешлафз</u> менависад ва ин асар соли 1961 аз тариқи нашриёти “Адабиёти бадеӣ” дар Москва рӯи чопро мебинад» – дисс., с. 133), имлоӣ (дисс., с. 4, 7, 13, 28, 44, 72, 87, 96, 121, 146 ва ғайра); ва техникӣ (18, 31, 39, 55, 68, 90, 171...) ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд. Бартараф кардани онҳо ҳусни диссертатсия ва аҳаммияти илмию амалии онро афзун менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки унвонҷӯ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Коркарди

амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия **ба меъёр ва талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, декани
факултети филологияи тоҷик ва
журналистикаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Г.Н.
«19» декабри соли 2024.

Маълумот барои иртибот:
735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ориёно, 2/32
E-mail: zgn_1988@mail.ru
Телефон: (+992) 918-90-63-65.

Имзои Зулфиев Гадомад Нурмадовичро тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.
19-уми декабри соли 2024.

Суроға: 735360, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С. Сафаров, 16.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj.
Телефон: (833-22) 2-35-06.